# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдуев Эмом Субҳонович
дар мавзуи «Лексикаи ғазалиёти Толиби Омулӣ», ки барои дарёфти
дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 -
Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.

Забони тоҷикӣ аз ҷумлаи забонҳои хело қадимаи ғаниву шуҳратёфта миёни забонҳои эронӣ мебошад. Бо таркиби ғанию рангин ва мустаҳками худ бисёри аз қитъаҳои оламро фарогир асту мавриди истифодаи бошандагон мебошад. Дар такмилу ғановати ин забон адибон саҳми босазо доранд.

Ба забони тоҷикӣ дар асрҳои 1Х - Х адабиёти ғанӣ ба вуҷуд оварда шуд. Ба забони адабии тоҷик лаҳҷаҳои Хуросону осиёимиёнагӣ асос гардидаанд. Забони адабии тоҷик низ ташаккул ёфта бо он шоҳасарҳои оламшумули адабиёти тоҷику форс навишта шудаанд.

Забони тоҷикӣ забони номдор ва аз ҷиҳати гуворoии гуфтораш писандидаву ҷойгоҳёфтаи Машриқу Мағриб ва ҳатто Ҳинд мебошад. Забони тоҷикӣ – на танҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр, Марву Балх, балки дар Ҳиндустон ҳам мақоми худро пайдо кард ва бисёри арбобони сухан асарҳои худро дар ин кишварҳо маҳз бо ҳамин забон эҷод мекарданд ва яке аз ситорагони тобноки адабиёти тоҷик дар Ҳинд Муҳаммад Толиби Омулӣ аст.

Диссертант моҳияти масъалаи таҳқиқро дуруст дарку фаҳм намуда, ба андозаи тавон таҳлил намуда, бо назардошти методологияи таҳқиқи кори илмӣ матолиби баррасишавандаро дар шакли муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристн адабиёту манобеъ ба шакл даровардааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия тибқи муқаррарот, мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, асосҳои назариявӣ ва асосҳои методологии таҳқиқ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, моҳияти амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия муайян ва

татбиқи кор тавсиф шудаасг.

Диссертант мавзуи таҳқикро бо низоми муайяни илмӣ ба тартиб (нақша) даровардааст, ки барои зина ба зина ҳал гардидани вазифаҳои ба миён гузошташуда ва дар маҷмуъ ҳосил шудани тарҳи комили пажуҳиш мусоидат намуда метавонад. Бобу фаслҳои кор паҳлуҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, дар алоқамандии мантиқӣ ба ҳамдигар қарор доранд.

Муаллиф ба таҳқиқи мавзуъ бо низоми муайяни илмӣ ва таҷрибавӣ муносибат намуда, ҷанбаҳои назариявӣ, омилҳои пайдоишу ташаккулп мавзуи мазкурро то андозае илман муайян кардааст.

Таҳқиқоти мазкур аз арзиши илмиву амалӣ холӣ набуда, он дар забоншиносии тоҷик аввалин пажӯҳиши диссертатсионие мебошад, ки ба таҳқиқи масъалаҳои ташаккул ва рушди мавзуи мазкур аз нигоҳи таърихӣ ва тасвирӣ бахшида шудааст.

Бо вуҷуди ин, дар диссертатсия баъзе камбудиҳои имлоӣ-техникӣ, калимасозӣ-грамматикӣ, услубӣ-наҳвӣ ва робитавӣ-мавзуӣ ба назар мерасад, ки зикри он ва ба назар гирифтани он дар тақвияти маҳорат ва такмили равишҳои илмии кор бо мавод ва таҳлилу натиҷагириҳои диссертант айни муддао хоҳад буд.

Баъзе аз норасоиҳои имлоӣ-техникӣ ва аломатҳои китобати матни диссертатсия аз ин қарор мебошанд;

1. Дар матни автореферат номи муҳаққиқони соҳаи забоншиносӣ дар ду шакл, ба монандӣ О. Ғафуров, Ғафуров О.Ғ., ба назар расид, ки ислоҳ мехоҳанд.

2. Ғалатҳои имлоӣ (саҳ.2, 5, 7, 17, 23) ва китобатӣ (саҳ.4, 7, 15, 18, 21) дида мешавад, ки ислоҳи онҳо мувофиқи матлаб аст.

3. Дар автореферат ягон диаграмма ва ҷадвал истифода нашудааст, хуб мешуд ба воситаи технологияи нави иттилоотӣ дар қолаби дигар нишон дода шаванд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки нуқсонҳои зикршуда ҷузъӣ ба шумор рафта, ҳусни умумиилмии корро паст намекунанд ва диссертатсияи Абдуев Эмом Субҳонович дар мавзуи «Лексикаи ғазалиёти Толиби Омулӣ», таҳқиқоти комил ва анҷомёфта маҳсуб меёбад. Диссертатсия аз рӯйи шакл, муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти пазариявию амалӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби доданп дараҷа ва унвонҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукуматп Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021,

№267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи забони англисӣ
барои ихтисосҳои ҳамгирои Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода **Иматшоева Мунира Бандишоевна**

Суроға: 734019, ш. Душанбе,
к. Муҳаммадиев 48/2
Суроғаи электронӣ: sadoratanglis@gmail.com
Тел: (+992) 93-700-04-37; (+992) 939554847

Имзои М.Б. Иматшоеваро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода **Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна**

05.09.2023с.